# ТИЛЛОИ
# **ХОЛИС**

Scripture taken from Китоби Муқаддас - Tajiki Bible
© Institute for Bible Translation (Sweden) 1992, 1999.

# Калимаҳо аз Библия, Навиштаҳои Муқаддас, Каломи Худо.

Edition 2025
© by GBV
printed in Germany

**GBV Dillenburg GmbH**
Eiershäuser Straße 54
35713 Eschenburg
GERMANY
www.gbv-dillenburg.de
www.gbv-online.org
www.bibleo.org

Дар ибтидо Калом буд,
ва Калом бо Худо буд,
ва Калом Худо буд.

*Инҷили Юҳанно 1:1*

Дар Ӯ ҳаёт буд, ва ҳаёт
нури одамиён буд.

*Инҷили Юҳанно 1:4*

Ва Исо боз ба
мардум гуфт:
«Ман нури ҷаҳон
ҳастам; ҳар кӣ Маро
пайравӣ кунад,
дар торикӣ роҳ
напаймояд, балки
нури ҳаётро ёбад».

*Инҷили Юҳанно 8:12*



«Ман роҳ ва
ростӣ ва ҳаёт
ҳастам; касе
наметавонад
назди Падар ояд,
магар ин ки ба
василаи Ман».

*Инҷили Юҳанно 14:6*

Нидо кард ва
гуфт: «Ҳар кӣ ташна
бошад, назди Ман
биёяд ва бинӯшад.
Ҳар кӣ ба Ман имон
оварад, чунон ки дар
Навиштаҳо гуфта
шудааст, аз батни
вай наҳрҳои оби ҳаёт
ҷорӣ хоҳад шуд».

*Инҷили Юҳанно 7:37-38*



«Назди Ман
оед, эй ҳамаи
заҳматкашон ва
гаронборон,
ва Ман ба шумо
оромӣ хоҳам
бахшид.»

*Инҷили Матто 11:28*

«Зеро юғи Ман
хуш ва бори Ман
сабук аст».

*Инҷили Матто 11:30*

Худоё! Ба мани гуноҳкор раҳм кун.

*Инҷили Луқо 18:13*

Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ.

*Нома ба Румиён 6:23*



Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад».

*Инҷили Юҳанно 3:3*

«Аз он чи ба ту гуфтам, тааҷҷуб накун: бояд шумо аз олами боло таваллуд ёбед.»

*Инҷили Юҳанно 3:7*

Пас, тавба кунед
ва руҷӯъ намоед, то
ки гуноҳҳои шумо
маҳв гардад.

*Аъмоли Ҳаввориён 3:19*

Агар мо гуноҳҳои
худро эътироф кунем,
Ӯ амин ва одил аст,
ки гуноҳҳои моро
биомурзад ва моро аз ҳар
ноинсофӣ пок намояд.

*1 Юҳанно 1:9*



Лекин ба онҳое ки
Ӯро қабул карданд
ва ба исми Ӯ имон
оварданд, қудрат
дод, ки фарзандони
Худо гарданд, Ки на
аз хун, на аз хоҳиши
ҷисм, на аз хоҳиши
марде, балки аз Худо
таваллуд ёфтаанд.

*Инҷили Юҳанно 1:12-13*

«Most assuredly,
I say to you,
he who hears My word
and believes in Him
who sent Me
has everlasting life,
and shall not come
into judgment,
but has passed
from death into life.»

*Инҷили Юҳанно 5:24*



Зеро Худо ҷаҳонро
чунон дӯст дошт,
ки Писари ягонаи
Худро дод, то ҳар кӣ
ба Ӯ имон оварад,
талаф нашавад,
балки ҳаёти
ҷовидонӣ ёбад.

*Инҷили Юҳанно 3:16*

Ва ҳол он ки Ӯ аз
ҷиноятҳои мо маҷрӯҳ,
ва аз гуноҳҳои
мо афсурдахотир
шудааст; сазои
осоиштагии мо бар
Ӯст, ва ба воситаи
ҷароҳатҳои Ӯ мо
шифо ёфтаем.

*Ишаъё 53:5*



«Инак, назди дар
истода, тақ-тақ мекунам:
агар касе овози Маро
шунида, дарро воз
кунад, назди ӯ даромада,
бо ӯ таоми шом хоҳам
хӯрд, ва ӯ бо Ман.»

*Ваҳйи Юҳанно 3:20*

Ба тавре ки Масеҳ ба
василаи имон дар дилҳои
шумо сокин гардад ...

*Нома ба Эфсӯсиён 3:17*

«Зеро ки Писари Одам омадааст, то ки гумшударо пайдо кунад ва наҷот диҳад».

*Инҷили Луқо 19:10*

«...Ва ҳар кӣ назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд.»

*Инҷили Юҳанно 6:37*



Биёед, зеро ки ҳама чиз тайёр аст.

*Инҷили Луқо 14:17*

«Эй оғоён! Чӣ бояд бикунам, то ки наҷот ёбам?» «Ба Исои Масеҳи Худованд имон овар, ва ту бо аҳли байти худ наҷот хоҳӣ ёфт».

*Аъмоли Ҳаввориён 16:30-31*

Тамоми анбиё
бар Ӯ шаҳодат
медиҳанд,
ки ҳар кӣ ба Ӯ
имон оварад,
ба василаи исми
Ӯ гуноҳҳояш
омурзида
ҳоҳад шуд.

*Аъмоли Ҳаввориён 10:43*



Худованди мо
Исоро…
Ки Ӯ ба сабаби
гуноҳҳои мо таслим
карда шуд ва аз
барои сафед кардани
мо эҳьё гардид.

*Нома ба Румиён 4:24-25*

Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое ки дар Исои Масеҳ ҳастанд.

*Нома ба Румиён 8:1*

Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам, то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, ҳаёти ҷовидонӣ доред.

*1 Юҳанно 5:13*



«Балки аз он шод бошед, ки номҳои шумо дар осмон навишта шудааст».

*Инҷили Луқо 10:20*

Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем.

*Нома ба Румиён 5:1*

Зеро ки шумо бо
файз ба воситаи имон
наҷот ёфтаед, ва ин
на аз шумост, балки
атои Худост, ва аз
аъмол нест, то ки ҳеҷ
кас фахр накунад.

*Нома ба Эфсӯсиён 2:8-9*

Худоро шукр бод
барои бахшоиши
молокаломи Ӯ!

*2 ба Қӯринтиён 9:15*



Аммо агар дар нур
мегашта бошем,
чунон ки Ӯ дар нур
аст, бо якдигар
мушоракат дорем,
ва Хуни Писари
Ӯ Исои Масеҳ
моро аз ҳар гуноҳ
пок менамояд.

*1 Юҳанно 1:7*

«Гӯсфандони Ман
ба овози Ман гӯш
медиҳанд, ва Ман онҳоро
мешиносам, ва онҳо
Маро пайравӣ мекунанд,
ва Ман ба онҳо ҳаёти
ҷовидонӣ мебахшам,
ва онҳо то абад талаф
нахоҳанд шуд, ва ҳеҷ кас
наметавонад онҳоро аз
дасти Ман кашида гирад»

*Инҷили Юҳанно 10:27-28*



Чунки Масеҳ низ барои
шумо уқубат кашида,
ба шумо намунаи ибрат
боқӣ гузошт, то ки аз
паи Ӯ равона шавед.

*1 Петрус 2:21*

«Ва инак, Ман
ҳаррӯза то охирзамон
бо шумо ҳастам».

*Инҷили Матто 28:20*

«Ҳамчунин бигзор
нури шумо бар мардум
битобад, то ки аъмоли
неки шуморо дида,
ба Падари шумо, ки
дар осмон аст, ҳамду
сано хонанд.»

*Инҷили Матто 5:16*



«Зеро ҳар кӣ аз Ман ва
аз суханони Ман шарм
кунад, Писари Одам,
ҳангоме ки дар ҷалоли
Худ ва дар ҷалоли
Падар ва фариштагони
муқаддас меояд, аз вай
шарм ҳохад кард.»

*Инҷили Луқо 9:26*

Алаф хушк мешавад,
гул пажмурда мегардад,
вале каломи Худои мо
то абад қоим хоҳад буд.

*Ишаъё 40:8*

«Осмон ва
замин гузарон аст,
лекин каломи Ман
гузарон нест.»

*Инҷили Луқо 21:33*



Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо
ҳамеша дар дуо ва
илтимос бо шукргузорӣ
хоҳишҳои худро ба Худо
ошкор намоед, — ва
осоиштагии Худо, ки аз
ҳар хирад болотар аст,
дилҳои шумо ва фикрҳои
шуморо дар Исои Масеҳ
нигоҳ хоҳад дошт.

*Нома ба Филиппиён 4:6-7*

«Бо муҳаббати абадӣ
туро дӯст доштам,
бинобар ин туро
бо марҳамат ба Худ
ҷалб намудам.»

*Ирмиё 31:3*

«Натарс, зеро ки
Ман бо ту ҳастам.»

*Ирмиё 41:10*



Дар хонаи Падари Ман
иқоматгоҳ бисьёр аст;
ва агар чунин намебуд,
магар ба шумо мегуфтам:
«Меравам, то ки барои
шумо ҷой тайёр кунам»?
Ва ҳангоме ки биравам
ва барои шумо ҷой тайёр
кунам, боз омада, шуморо
бо Худ мебарам, то дар
он ҷое ки Ман ҳастам,
шумо низ бошед.

*Инҷили Юҳанно 14:2-3*

Чунки Худи Худованд бо
бонги даъват ... аз осмон
нузул хоҳад кард, ва онҳое
ки дар Масеҳ мурдаанд,
аввал эҳьё хоҳанд шуд;
Баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ
мондаем, бо якҷоягии онҳо
бар абрҳо бурда хоҳем
шуд, то ки Худовандро
дар ҳаво пешвоз гирем,
ва ҳамин тавр ҳамеша
бо Худованд хоҳем буд.

*1 ба Таслӯникиён 4:16-17*



Ва осмони нав ва
замини навро дидам.

*Ваҳӣ Юҳанно 21:1*

Ва Худо ҳар ашкро аз
чашмони онҳо пок хоҳад
кард, ва мамот дигар
нахоҳад буд; ва гирья
ва фиғон ва дард дигар
нахоҳад буд; зеро он чи
пештар буд, гузашт.

*Ваҳӣ Юҳанно 21:4*

«Инак, ба зудӣ меоям.»

*Ваҳй Юҳанно 22:12*

Бигзор ташна биёяд,
ва ҳар кӣ бихоҳад, оби
ҳаётро муфт бигирад.

*Ваҳй Юҳанно 22:17*

Оре, ба зудӣ меоям!

*Ваҳй Юҳанно 22:20*

Pure Gold

Tajik

GBV 192 4120